**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Сайфуллозода Сулаймон дар мавзӯи “Мукаммалагардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз**

Амалиётҳои асъорӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ буда, масъалаҳои марбут ба ҳисоббаробаркуниҳо байни субъектҳои хоҷагидорӣ бо шарикони хориҷӣ, интиқоли маблағ ва дар умум, ҳамчун миёнарави молиявии асъорӣ баромад мекунанд. Бо назардошти он, ки номувозинатӣ дар тавозуни пардохтии мамлакат ва вобастагии шадиди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридот ҷой дорад, ки ин масъалаҳо ба категорияи бехатарии иқтисодиёт дохил мешавад, омӯзиши амалиётҳои асъорӣ, пешниҳод ва коркарди роҳҳои мукаммалгардонии равандҳо дар ин самт яке аз масъалаҳо рӯзмарра буда, мубрамияти мавзӯи тадқиқотро тасдиқ мекунад.

Дар рисолаи мазкур мафҳум, аҳамияти иқтисодии амалиёти асъорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар пешбурд ва танзими амалиёти асъорӣ омӯхта шуда, таҳлилҳои васеъ ва чуқур гузаронида шуда, дар асоси онҳо роҳҳои мукаммалгардонӣ ва афзалиятҳои рушди амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудаанд. Дар мавзӯъ таҳлили вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷадвалу диаграммаҳо оварда шуда, онҳо аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки мавзӯи мазкур, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯҳои кам таҳқиқшуда ба ҳисоб рафта, корҳои илмии алоҳида ба монади диссертатсия ва ё монографияҳо, то имрӯз, нашр нашудаанд, ки ин дар навбати худ, кори унвонҷӯйро, аз як тараф, хеле душвор намуд, аз тарафи дигар имконият дод, ки фикрҳои худро пурра баён намояд.

Бояд тазаккур дод, ки Сайфуллозода Сулаймон аз соли 2013 то инҷониб дар низоми бонкӣ кору фаъолият намуда, бо хусусиятҳои амалиётҳои асъорӣ аз наздик шинос мебошад. Таҷрибаи бисёрсолаи унвонҷӯй ҳангоми таҳия намудани рисолаи илмӣ истифода шудааст.

Сайфуллозода Сулаймон дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, маводҳои онҳоро дар рисолаи илмии хеш дарҷ намудааст. Ҳамзамон, унвонҷу дар маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа мақолаҳои илмии хешро ба тасвиб расонидааст.

Дар давоми фаъолияти илмии хеш, Сайфуллозода Сулаймон худро ҳамчун муҳаққиқи фаъолу дорои малаки тадқиқотчии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст муайян намуда, бахри ҳалли онҳо кушиш ба харҷ додааст. Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ, Сайфуллозода Сулаймон аз доираи васеъи адабиёти ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар асоси онҳо хулосабарории дуруст оид ба ҳалли муаммоҳои рушди соҳаро пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин, унвонҷу ба эроду тавсияҳои муқарризон ба таваҷҷуҳи хос муносибат намуда, кушиш кардааст то мавзӯи таҳқиқотро ҳаматарафа мавриди омӯзишу санҷиш қарор диҳад. Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияти корӣ таҳия шудаанд, аз фаъолияти баландӣ илмӣ дарак медиҳад.

Ба ақидаи ман, Сайфуллозода Сулаймон аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятноку замонавӣ таҳия кардааст.

Пешниҳодоти муаллиф ва корҳои илмии унвонҷу дар ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСП Бонки “Арванд” ва дар Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуд.

Бояд тазаккур дод, ки Сайфуллозода Сулаймон таҳқиқоти илмиро мустақилона ба итмом расонида, оид ба масъалаҳои асосии мавзӯи баррасишаванда фикрҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, рисола ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз тавсия додан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ,**
**д.и.и., профессор**
**Муовини аввали Раиси Раёсати**
**ҶСП "Спитамен Бонк"** **Ҳикматов У.С.**

**Имзои д.и.и., профессор**
**Ҳикматов Умедҷонро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кор бо**
**кормандони ҶСП "Спитамен Бонк"** **Ғафуров А.**